# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертасияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих)**

Таҳқиқи таърихи Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои миёна бидуни истифода аз манобеи таърихии эҷодшуда дар Аврупо, ки аз ҷониби сафирон ва сайёҳони ба ин сарзаминҳо сафардошта навишта шудааст ва таърихи ин замонро бо дарназардошти имконоти худ сабт кардаанд, наметавонад ба натиҷаи дилхоҳ расад. Дар ҳамин иртибот диссертасияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» як пажӯҳиши илмии арзишманд аст. Ин мавзуъ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ усулан камомӯхташуда мебошад. Муаллиф муҳим будани мавзуи мавриди таҳқикро асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши онро муайян сохта, ҳадаф ва вазоифи таҳқиқотро возеҳ баён намуда, ба андозаи кофӣ навовариҳо мушаххас шуда, аҳамияти назарӣ ва илмии рисола ироа гардидааст.

Сохтори рисола, мантиқан ба танзим даровардани матолиб, усули таҳлил ва баёни маводи бадастомада аз сарчашмаи таърихӣ ба талаботе, ки барои сазовор шудан ба унвони номзади илми таърих муайян шудааст, ҷавобгӯй мебошанд.

Муаллифи рисола дар натиҷаи баррасиҳои қиёсӣ мубрам будани мавзуъро дар он муайян кардааст, ки ахбори сабтнамудаи Клавихо роҷеъ ба авзои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони асри XIV ва оғози асри XV дар асараш аз мушоҳидоти шахсии муаллиф маншаи асосӣ мегиранд.

Ба назар мерасад, ки ҳалли муваффақиятомези вазоифи гузошташуда дар назди муаллиф то ҳадди зиёде бо истифодаи моҳиронаи муҳаққиқ аз усулҳои таҳқиқи умумӣ ва хос ба даст омадааст, ки аз ҷумлаи онҳо таҳлили маҷмуӣ, таҳлилӣ-сохторӣ ва татбиқӣ-муқоисавӣ ба ҳисоб меравconfigured.

Муаллифи рисола ба ҳадафи таҳқиқот аз тариқи таҳлили интиқодии матолиб ва иттилооти аз асари Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» гирифташуда ва муқоисаи онҳо бо ахбори дигар сарчашмаҳои таърихии ин давр, мисли «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафиддин Алии Яздӣ, «Равсату-с-сафо»-и Мирхонд ва ғайра расидааст.

Муҳаққиқ таърихи муносиботи давлати Темурлангро бо кишварҳои Аврупо баррасӣ намуда, ба таври мантиқӣ собит мекунад, ки ҳадафи аслии маъмурияти сафорати шоҳи Кастилия ва Леон Генрихи III де Трастамар ба дарбори Темур, ки дар ҳайати он Руи Гонсалес де Клавихо низ буд, ин муайян кардани нирӯи низомии Темурланг буд, ки соли 1402 лашкари султони Туркия - Йилдирим Боязидро дар атрофи Анқара шикаст дод ва Боязиду писаронашро ба асорат гирифт.

Муаллифи рисола мушаххас кардааст, ки Руи Гонсалес де Клавихо дар сафарномаи хеш иттилооти таърихӣ ва ҷуғрофиёии бисёр арзишмандеро ироа медиҳад, ки омӯзиши ва ба доираҳои илмӣ баровардани онҳо барои таҳқиқи зиндагии мардумони Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XIV ва оғози асри XV муҳим мебошанд.

Кори дақиқ бо манобеи таърихӣ, ироаи матолиб ва натиҷагириҳои маҷмуии илмӣ, ки дар тамоми бахшҳои рисолаи илмӣ мушоҳида мешавад, ба мо ин имконро медиҳад, то хулоса кунем, ки ҳадаф ва вазоифи таъйиншуда дар рисола ҳалли худро ёфтаанд.

Хидмати арзишманди муаллифи рисола боз дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ илова ба сарчашмаҳои таърихӣ дастовардҳои илмии донишмандон ва муҳаққиқони шинохтаи таърихи ин замони Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро ба таври густурда барои баёни воқеияти рӯйдодҳои таърихӣ ба кор гирифтааст. Чунин таҳлили маҷмуӣ ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки то ба бисёре аз саҳифаҳои ношинохтаи таърих равшанӣ андозад.

Арзиши таҳқиқот ба назари мо дар дараҷаи аввал дар он зоҳир мешавад, ки дар илми таърих як таҳқоти мустақил ва ҷомеъ анҷом ёфтааст,

ки баъзе рӯйдодҳои муҳими таърихии Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XIV ва оғози асри XV дар асоси як асари мушаххас «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Автореферат дарбаргири матолиби рисола буда, корҳои мунташиршуда нишондиҳандаи ҷанбаҳои аслии таҳқиқот ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр кори диссертатсионии Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» ба ҳамаи талаботҳо ва меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) сазовор аст.

Муовини ректор оид ба
илм ва инноватсияи АИДНПҶТ,
номзади илмҳои таърих, дотсент К.Н. Карамалишоев

11.11. 2022

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Саид Носир, 33
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел. / Факс: (992-37) 224 1786 E-mail: info@apa.tj

Имзои К.Н. Карамалишоевро
тасдиқ менамоям: сардори раёсати
кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
АИДНПҶТ О.О. Бобозода